## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи кори дисертатсионии Холматзода Туйчи Бурихон дар мавзуи: «Асосҳои физикавию-химиявии коркарди маъданҳои алюминийдори Тоҷикистон бо истифода аз кислотаҳои минералӣ ва усули гудохтан, барои ба даст овардани пайвастҳои алюминий, оҳан, коагулятҳо ва массаҳои фарфорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктори ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ (6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ)**

Холматзода Туйчи Бурихон соли 2011 ба ихтисоси химия ва биология факултети химия, биология ва географияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2015 хатм намудааст.

Ба зинаи магистратураро соли 2019 ба ихтисоси химия, факултети химия, биология ва географияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дохил шуда, онро бо ихтисоси химия соли 2021 хатм намудааст.

Ба зинаи докторантура, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D072000 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ дар лабораторияи «Коркарди комплексии ашёи хоми минералӣ ва партовҳои саноатӣ»-и Институти химия ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон соли 2021 дохил шуда ва соли 2024 онро хатм кардааст.

Фаолияти илмии Холматзода Туйчи Бурихон асосан ба омузиши «Асосҳои физикавию-химиявии коркарди маъданҳои алюминийдори Тоҷикистон бо истифода аз кислотаҳои минералӣ ва усули гудохтан, барои ба даст овардани пайвастҳои алюминий, оҳан, коагулятҳо ва массаҳои фарфорӣ» бахшида шудааст.

Кори диссертатсионии Холматзода Туйчи Бурихон аз муқаддима, 4 боб, 25 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

***Дар муқаддима*** мубрамии мавзӯъ асоснок карда шудааст, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот муайян гардидаанд, навовариҳои илмӣ ва аҳамияти амалии кор муайян шудаанд.

***Дар боби якум*** шарҳи таҳлилии маълумоти адабӣ оид ба масъалаи коркарди кислотагии маъданҳои алюминийдори Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, усулҳои мавҷудаи коркарди онҳо баррасӣ шуда, самтҳои минбаъдаи тадқиқот муайян карда шудаанд.

***Дар боби дуюм*** натиҷаҳои хосиятҳои физикӣ-химиявии ашёи хоми алюминийдор баён гардидаанд, методикаи таҳлили химиявӣ тавсиф ёфтааст, натиҷаҳои арзёбии термодинамикии равандҳои таҳлили маъданҳои алюминийдор оварда шудаанд ва қонуниятҳои ҷараёни онҳо муҳокима шудаанд.

***Дар боби сеюм*** хусусиятҳои коркарди кислотагии ашёи хоми дорои алюминий таҳқиқ шудаанд, нақшаҳои технологӣ барои усули кислотагии коркард тахия гардидаанд, самаранокии ба даст овардани коагулянти омехтаи алюминий ва оҳан аз ашёи хоми пастсифат арзёбӣ шудааст ва кинетикаи раванди пухтани омехта бо хлориди калсий омӯхта шудааст.

***Дар боби чорум*** кори диссертатсионӣ натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда ҷамъбаст гардида, қонуниятҳои асосии коркарди кислотагии маъданҳои алюмосиликатӣ муҳокима шудаанд, ки самаранокии ҳалли технологӣ пешниҳодшударо муайян мекунанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асосиок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Холматзода Туйчи Бурихон дар мавзуи «Асосҳои физикавию-химиявии коркарди маъданҳои алюминийдори Тоҷикистон бо истифода аз кислотаҳои минералӣ ва усули гудохтан, барои ба даст овардани пайвастҳои алюминий, оҳан, коагулянтҳо ва массаҳои фарфорӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марта соли 2021, №3) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ (6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои химия, профессор,
академики АМИ-и Тоҷикистон — Мирсаидов У.М
Суроға: 734063, Тоҷикистон, Душанбе,
кучаи Айнӣ, 299/3, Агентии ХБРЯ АМИТ,
тел: (+992) 37 224–21–02,
E-mail: ulmas2005@mail.ru
"4" 09 2025

Имзои д.и.х., профессор, академики АМИТ
Мирсаидов У.М.,-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ААХБРЯ АМИТ — Шосафарова Ш.Г.
Суроға: 734025, Тоҷикистон, Душанбе,
Хиёбони Рудакӣ, 33, Агентии ХБРЯ АМИТ,
тел: (+992) 37 227–83–83,
E-mail: sh.nrsa@mail.ru
"4" 09 2025